# 10805 - Суғуртаи ҳаёт

**савол**

Оё гирифтани суғуртаи ҳаёт ба хотири таъмини молии хонаводаам пас аз маргам ҷоиз аст? Лутфан ҷавобатонро бо далелҳо баён кунед.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) оиди суғуртаи ҳаёт пурсиданд.

Чунин посух дод:

Суғуртаи ҳаёт ва молҳо ҳаром аст ва ҷоиз нест, зеро дар он ғарар ва рибо вуҷуд дорад. Аллоҳ таъоло ба хотири раҳмат ба уммат ва ҳимояи онон аз чизҳое, ки ба онҳо зарар мерасонад, тамоми муомилаҳои рибавӣ ва муомилаҳое, ки дар он ғарар аст, ҳаром кардааст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَأَحَلَّ اللهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا

سورة البقرة: ٢٧٥

**«Аллоҳ хариду фурӯшро ҳалол ва рибоdoро ҳаром кардааст».** (Сураи Бақара: 275).

Ҳадиси саҳеҳе аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омадааст, ки ӯ аз ғарар наҳй кардааст.

(Ғарар: Хариду фурӯши мубҳам ва номаълум).

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.